**Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуки башари САҲА**
**Миссияи нозирони интихобот**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Интихоботи парлумонӣ, 28-уми феврали 2010**

# ГУЗОРИШИ МИЁНДАВРИИ № 1
## 14 – 28 январи соли 2010

**8 феврали соли 2010**

## I. МАЗМУНИ МУХТАСАР

- Интихоботи парлумонӣ дар таърихи 28-уми феврали соли 2010 сурат мегирад, ки дар он 63 вакил интихоб карда мешавад. Аз ҳисоби ин миқдор, 22 вакил дар асоси рӯйхати пешниҳодкардаи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳавзаи умумиҷумҳуриявии ягона мутаносибан интихоб мешаванд, ки барои соҳиби 1 курсӣ шудан бояд 5 фоизи овозҳоро соҳиб шуд. 41 нафар вакили дигар аз ҳавзаҳои якмандатӣ дар асоси системаи дудаврии мажоритарӣ интихоб мегарданд. Дар ин сабқат, агар ҳеҷ номзад дар даври аввал 50 дарсади овозҳоро соҳиб нашавад, ду номзади аз дигарон бештар овозгирифта дар даври дуюм, ки дар муддати ду ҳафта баргузор мешавад, муборизаро давом медиҳанд.

- Интихобот тахти Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қонун дар бораи интихобот) танзим мешавад. Тавсияҳои қаблии САҲА/ДНДҲБ пас аз интихоботи парлумонии соли 2005 дар робита бо камбудиҳои назарраси чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Илова бар ин, дар заминаи ҳуқуқӣ тафсилоти назаррас барои таъмин намудани амалигардонии раванди якхела ва устувори интихоботи вуҷуд надорад.

- Гурӯҳи кории соли 2008, ки дар ҳайати он намояндагони 8 ҳизби сиёсии ба қайд гирифташуда, КМИР ва дигар тарафҳои ба интихобот таваҷҷӯҳдошта шомил буданд, кӯшиш намуданд, то ба қонун дар бораи интихобот тавассути пешниҳодоти худ тағйирот ворид намоянд, аммо ин пешниҳодот ҳанӯз аз ҷониби парлумон ба инобат гирифта нашудаанд.

- Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) мудирияти интихоботро ба зимма дорад, ки дар сатҳҳои поён ба он комичссияҳои ҳавзавӣ ва участкавӣ кӯмак мекуанд. 19-уми январ КМИР 73 номзадро аз рӯйхатҳои пешбаришудаи 8 ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифт. Коммисияҳои хавзавии интихобот ташкил шудаанд ва онҳо бояд номзадҳоро дар ҳавзаҳои якмандатӣ то 8-уми феврал ба қайд гиранд.

- Ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ташвиқоти интихоботиро дар асоси ҳуқуқҳои баробар пеш мебаранд. То имрӯз, ба масъалаҳои интихобот дар ҷомеа кам равшанӣ андохта мешавад.

- Миссияи нозирони интихоботи САҲА/ДНДҲБ кори худро аз 14-уми январ оғоз кард. Ҳайати миссия аз 17 нафар коршиносони асосӣ ва 20 нафар нозирони дарозмуддат иборат аст, ки онҳо шахрвандони 25 кишвари узви САҲА мебошанд. Нозирони дарозмуддат дар саросари кишвар ҷойгир шудаанд.

- Аз рӯзи 19-уми январ инҷониб, Миссияи нозирони интихоботи САҲА/ДНДҲБ мониторинги миқдорӣ ва сифатии 3 шабакаи ТВ, 3 шабакаи радио ва 9 рӯзномаро оғоз карданд.

## II. МУҚАДДИМА

Интихобот ба Маҷлиси намояндагон - палатаи поёнии Маҷлиси олӣ - дар таърихи 28-уми феврали 2010 баргузор мешавад. Рӯзи интихобот дар санаи 14-уми декабри соли 2009 эълон шуд. Эълони рӯзи интихобот мувофиқи талаботи қонунгузорӣ бо фармони Президент 75 рӯз пеш аз ба охир расидани мӯҳлати кори парлумони мавҷуда сурат мегирад. Мақомоти Тоҷикистон САҲА/ДНДҲБ-ро рӯзи 21-уми декабри соли 2009 барои назорат кардани ин интихобот даъват намуданд.

САҲА/ДНДҲБ аз 9 то 11-уми ноябри соли 2009, Миссияи Арзёбии Ниёзҳоро (МАН) баргузор намуд[1]. Сипас Миссияи нозирони интихобот кушода шуд, ки он кори худро дар таърихи 14-уми январ огоз кард. Сарварии Миссияи нозирони интихоботи САҲА/ДНДҲБ-ро д-р Артис Пабрикс ба зимма дорад ва ин миссия аз 17 нафар коршиносони асосӣ воқеъ дар Душанбе ва 20 нафар нозирони дарозмуддат, ки дар саросари кишвар ҷойгир шудаанд иборат аст, Ҳайати миссияи нозирони интихобот намояндагони 25 кишварҳои узви САҲА-ро дар бар мегирад. Интихобот ба маҷлисҳои маҳаллӣ ва интихоботи парлумонӣ ҳамзамон сурат мегиранд. Интихоботро ба маҷлисҳои махаллӣ нозирони САҲА/ДНДҲБ танҳо аз он ҷиҳат назорат хоҳанд, кард, ки оё он ба интихоботи парлумонӣ таъсир мерасонад ё не.

## III. ВАЗЪИ СИЁСӢ

Феълан дар Тоҷикистон 8 ҳизби сиёсӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар парлумони мавҷуда 3 ҳизб аз миёни он аҳзоб намоянда дорад. Ҳизби халқӣ-демократӣ (ҲХДТ), ки дар интихоботи соли 2005 аз ҷамъи умумии 63 курсӣ соҳиби 52 ҷой шуд, дар кишвар ҳизби соҳибқудрат аст. Аз мандатҳои боқимонда, Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон (ҲКТ) 4 ҷой ва Ҳизби Наҳзати Ислом (ҲНИТ) 2-ҷойро ишғол карданд[2]. ҲКТ ба қарибӣ сиёсати ҳукуматро зери танқид қарор дод. ҲНИТ хоҳони бештар боло бурдани нақши Ислом дар ҷомеа аст, аммо дар баробари ин хусусияти дунявӣ доштани давлатро пуштибонӣ мекунад. Моҳи апрели 2009, аз ду нафар вакилони парлумонии ҲНИТ, як нафарашон бо сабаби саломатӣ аз парлумон рафт. ҲНИТ хост ҷои холишударо бо намояндаи дигар дар асоси рӯйхати пешбаришудаи номзадҳояш дар интихоботи парлумонии соли 2005 пур намояд, аммо КМИР чунин муқаррар кард, ки тибқи қонун агар ҷои ягон вакили парлумон як сол пеш аз интихоботи навбатӣ холӣ шавад, ин курсӣ дигар пур карда намешавад. Шикояти ҲНИТ ба Суди олӣ қонеъ гардонида нашуд ва ин курсӣ холӣ монд.

Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ), Ҳизби Сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) ва Ҳизби Демократии Тоҷикистон (ҲДТ) дар парлумони кунунӣ ҷой нагирифтаанд. ҲСТ худро ҳамчун ҳизби “мухолифи созгор” муайян менамояд ва ҲСДТ бошад танқидгари сахти ҳукумат аст. Соли 2006 ду ҳизби нав таъсис дода шуданд, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодӣ (ҲИИТ) ва Ҳизби Аграрӣ (ҲАТ). Ҳардуи ин ҳизби навтаъсис ба таври ошкоро ҳукуматро дастгирӣ менамоянд, вале дар мавриди баъзе масъалаҳои сиёсати аграрӣ ва иқтисодӣ, онҳо пуштибонӣ аз ислоҳот мекунанд.

15-уми апрели соли 2009, дар мурочиати солонаи худ ба парлумон, Президент Эмомали Раҳмон ба таври ошкоро даъват намуд, ки ташкил ва баргузории интихоботи дар пешистода шаффоф ва мутобиқи талаботи қонун сурат гирад.

---

1 http://www.osce.org/documents/odihr/2009/12/41913_en.pdf.
2 Панҷ ҷойи боқимонда насиби номзадҳои мустақил шуд.

# IV. СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТ ВА ЧАҲОРЧӮБАИ ҲУҚУҚӢ

Маҷлиси олии Тоҷикистон аз ду палата иборат аст. Маҷлиси намояндагон палатаи поёнӣ буда аз 63 вакил иборат аст ва бо овоздиҳии умумӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешавад[3]. 22 вакил дар асоси рӯйхати пешбаришудаи ҳизбҳои сиёсӣ аз ҳавзаи ягонаи ҷумҳуриявӣ мутаносибан интихоб карда мешаванд, ки барои соҳиби як ҷой шудан бояд 5 дар сади овозҳоро соҳиб шуд. 41 вакил аз ҳавзаҳои якмандатӣ тибқи системаи мажоритарӣ интихоб мешаванд. Дар ин рақобатҳо агар ҳеҷ номзад беш аз 50 дар сади овозҳоро дар даври аввал соҳиб нашавад, ду номзади аз дигарон бештар овозгирифта дар даври дуюм, ки дар муддати ду ҳафта бояд баргузор гардад, муборизапро давом медиҳанд. Барои боэътибор донистани интихобот, иштироки 50 дар сади интихобкунандагон дар овоздиҳӣ талаб карда мешавад.

Интихоботи пралумониро пеш аз ҳама Конститутсия (Сарқонун), ки соли 1994 қабул шудааст ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси олӣ», ки соли 1999[4] қабул шудааст танзим менамоянд. Конститутсия волоияти қонун, ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандӣ ва сиёсиро муқаррар менамояд, аз ҷумла озодии эътиқоди сиёсӣ, озодӣ ба ҷамъомад, озодии маҷлис, озодии сухан ва ҳуқуқи ҳимоя шудан аз тарафи суди мустақил ва бетараф[5].

Тағйирот ба қонуни интихобот соли 2004 асосҳои қонунии онро беҳ гардонид, аммо фарқиятҳои назаррас боқӣ мондаанд. Норасоиҳои дар Гузориши ноҳоии САҲА/ДНДҲБ пас аз интихоботи парлумонии соли 2005 қайдгардида вуҷуд надоштани кафолати таъсис додани комиссияҳои фарогир ва дорои ҳайати аъзои гуногунандеш, вуҷуд надоштани муқарарот оид ба нозирони ғайриҳизбии дохилӣ, тартиботу расмиёти нокифояи баррасии арзу шикоятҳо, норавшаниҳои расмиёти ҷанбаҳои муҳими раванди интихобот, аз ҷумла бақайдгирии интихобкунандагон, овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳоро дар бар мегирад[6]. Тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷониби САҲА/ДНДҲБ дар робита бо ҳалли ин норасоиҳо ҳанӯз иҷро нашудаанд. Дар қонуни интихобот тафсилоти назаррас барои таъмин намудани амалигардонии ҷораёни якхела ва устувори интихобот вуҷуд надорад.

Дар давоми соли 2008, саъю талошҳои якҷоя ба харҷ дода шуд то ба қонуни интихобот ислоҳот ворид карда шавад. Якчанд нишастҳои гурӯҳи корӣ бо иштироки намояндагони ҳамаи ҳизбҳои сиёсии расман ба қайд гирифташуда, КМИР, парлумон, дафтари иҷроияи Президент, Маркази тадқиқотҳои стратегии назди Президент доир гаштанд. Пас аз музокираи як маҷмӯъ тағйироти пешниҳодшуда ва мувофиқа кардан бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, ҲХДТ ба чунин ақида омад, ки қонун дар бораи

---

3 Палатаи болоӣ, Маҷлиси миллӣ аз 34 аъзо иборат аст, ки қисме аз ин аъзо дар интихоботи ғайримустақим интихоб мешаванд ва қисми онҳоро Президент таъйин менамояд. Ҳамаи собиқ президентҳо ҳам узви Маҷлиси миллӣ мешаванд.

4 Дигар қонунҳои марбута асноди зеринро дар бар мегиранд: Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ (1998), Қонун дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта (1998), Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (2008), Кодекси ҷиноӣ (1998), Қонун дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон (1996), Кодекси мурофиаи граждании (2008), Қонун дар бораи баробарии мардорн ва занон (2005) ва қонунҳои марбут ба ВАО.

5 Гузориши соли 2005-и Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи башар, мустақил набудани ҳокимияти судиро дар Тоҷикистон, бо сабаби таъйин ва аз кор холӣ намудани судяҳо қайд мекунад http://www.unhchr.ch/tbs/doc.nsf/(Symbol)/CCPR.CO.84.TJK.En?OpenDocument

6 Аз давраи интихоботи парлумонии қаблӣ, як тағйирот ба қонун дар бораи интихобот соли 2007 ворид карда шуд, ки он тағйирот хориҷ намудани кормандони Агентии Назорати маводи мухаддирро дар бар мегирад ва дар соли 2008 тағйирот иваз намудани "маоши ҳадди аққал"-ро бо "нишондиҳанда барои ҳисобҳо" дар бар гирифт, ки он феълан барои ҳисоб намудани ҳаҷмҳои гуногуни пулӣ, ба монанди гарави интихоботӣ истифода мешавад.

интихобот ба такмилдиҳӣ зарурат надорад ва пешниҳодҳоро имзо накард[7]. Моҳи феврали соли 2009, ҲКТ ба таври расмӣ аксарияти пешниҳодҳои гурӯҳи кориро ба парлумон пешниҳод намуд,[8] аммо то ҳол ба таври расмӣ онҳо ба хониши парлумонӣ бароварда нашудаанд.

Такмилоти назарраси ба наздикӣ амалигашта дар заминаи ҳуқуқӣ ин қабул намудани Кодекси ҳуқувайронкуниҳои маъмурӣ соли 2008 буд, ки дар он 28 намуд вайронкориҳои марбут ба интихобот ворид шуданд ва барои чунин вайронкориҳо дар интихобот қонун ситонидани ҷаримаро бо қарори суд пешбинӣ мекунад[9]. Чун Кодекси пештараи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ҳеҷ масъалаи вайронкориҳои интихоботиро дар бар намегирифт, интихоботи мазкур нахустин аст, ки чунин ҳуқувайронкуниҳоро мавриди ҷаримаситонӣ қарор хоҳад дод.

## V. МУДИРИЯТИ ИНТИХОБОТ

Интихоботи парлумонӣ аз ҷониби комиссияи сезинагии интихобот идора карда мешавад. Танҳо КМИР мақомоти доимоамалкунанда мебошад. Парлумон бо пешниҳоди Президент 15 аъзои онро ба мӯҳлати панҷ сол таъйин менамояд. Тибқи муқаррароти қонунгузории мавҷуда, КМИР рӯзи 16-уми декабри соли 2009 таъйин карда шуд. Дар он 7 узви нав ворид гашт. Раис ва ҷонишини раиси пештараи КМИР дар комиссия нав низ дубора таъйин шуданд. Комиссияҳои сатҳҳои поёнӣ дар ҳар як интихобот таъсис дода мешаванд. Дар интихоботи кунунӣ, 41 воҳид Комиссияҳои ҳавзавии интихобот (КҲИ) дар ҳайати 9 аъзо дар ҳар кадомашон аз тарафи КМИР то 30-юми декабр ташкил карда шуданд. КҲИ дар навбати худ теъдоди 3,067 Комиссияҳои участкавии интихоботро (КУИ) дар ҳайати аз 5 то 19 аъзо дар ҳар кадомашон, вобаста аз андозаи участка, то 14-уми январ таъсис доданд.

Дар маҷмӯъ, ҳайати КМИР дар муқоиса бо солҳои пеш, бештар фарогир ва аз лиҳози сиёсӣ бештар мувозинат шудааст. Дар ин интихобот ҳамаи ҳизбҳои сиёсии ба қайд гирифташуда даъват карда шуданд, ки ба узвияти КМИР намояндагони худро пешбарӣ кунанд. Аз миёни 8 ҳизби сиёсии ба қайд гирифташуда, танҳо ҲСДТ дар КМИР намоянда надорад. Худи ҳизб арз кард, ки номзади онҳоро Президент рад кардааст, зеро Президент номзадҳои ҳизбҳоро барои узвият дар КМИР ба парлумон барои тасдиқ кардан пешниҳод менамояд.

Қонуни интихобот муқаррар мекунад, ки ҳангоми таъсис додани КҲИ, пешниҳодоти ҳизбҳои сиёсӣ перомуни аъзогӣ дар онҳо бояд ба инобат гирифта шавад. Дар мавриди КУИ, ҳеҷ муқаррароти қонунӣ дар бораи намояндагии аҳзоб вуҷуд надорад.

---

7 Дар миёни тағйиротҳои пешниҳодшуда чунин назарҳо вуҷуд доштанд: паст кардани марраи интихобӣ, намояндагии баробари ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳамаи комиссияҳои интихоботӣ, роҳ надодани кормандони ҳукумат дар кори комиссияҳо, муқаррарот дар бораи нозирони дохилии ғайриҳизбӣ, барҳам додани гарави интихоботӣ, тағйир додани овоздиҳӣ аз тарзи манфии хат задании номзадҳо ба ишорагузорӣ дар муқобили номи номзади дилхоҳ, ҳуқуқи нозирон дар гирифтани нусхаҳои протоколи натиҷаҳои овоздиҳӣ, ҳуқуқ ба гирифтани қарори хаттии шикоятҳо дар муддати 24 соат пас аз баровардани он ва зиёд кардани вақти ройгон дар мавҷ (эфир).

8 Пешниҳодоти аз тарафи ҲКТ манзуршуда аккредитатсияи нозирони дохилии ғайриҳизбиро дар бар намегирифт.

9 Моддаҳои 57-84, Кодекси ҳуқувайронкунии маъмурӣ: қонуншиканиҳо асосан ба вайрон кардани ҳуқуқҳои интихобкунандагон, аъзои комиссияи иинтихоботӣ, нозирон, номзадҳо, шахсони боэътимод ва рӯзноманигорон, дахолат кардан ва ё иҷро накардани вазифаҳо аз ҷониби комиссияи интихоботӣ, ихтилофот дар қоидаҳои пешбурди ташвиқот ва маҳдудиятҳои маблағгузории маъракаи ташвиқотиву ихтилофҳои қоидаҳои овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо таалluқ доштанд.

Участкаҳои интихоботӣ дар 14 кишвари хориҷа ташкил карда шудаанд, то шаҳрвандони Тоҷикистони дар хориҷа қарордошта тавонанд овоз диҳанд.

КМИР салоҳият дорад, ки дастурамалҳо баоварда ба масъалаҳои амалигардонии қонуни интихобот равшанӣ андозад[10]. Аммо вай ин корро накардааст ва норасоиҳову намуайяниҳои мавҷударо доир ба як қатор унсурҳои асосии раванди интихобот, ба монанди овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо, ҳалнашуда гузоштааст. КМИР ба Миссияи нозирони САҲА/ДНДҲБ хабар дод, ки он нақшаи нашри чунин дастурамалҳоро надорад. Ба ақидаи КМИР қонун ба таври кофӣ возеҳ ва муфассал аст.

КМИР дар бораи ташкил кардани ҳавзаҳои интихоботӣ, истифодаи воситаи ахбори омма аз ҷониби аҳзоби сиёсӣ ва формулаи муайян намудани ҳаҷми гарави интихоботӣ як қатор дастурамалҳо баровардааст. КМИР ҳамчунин тақвими чорабиниҳои интихоботиро ба табъ расонидааст. Лоиҳаи маърифати интихобкунандагонро шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дастгирӣ намудаанд. Пахши он дар рӯзи 26-уми январ оғоз шуд.

## VI. БАҚАЙДГИРИИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Дар Тоҷикистон феҳристи ягонаи интихобкунандагон вуҷуд надорад. Рӯйхатҳои интихобкунандагони ҳар як интихобот дар маҳал аз ҷониби Коммисияи участкавии дахлдори интихоботӣ тартиб дода мешаванд. Онҳо рӯйхати интихобкунандагонро дар асоси маълумот оид ба интихобкунандагони дар ҳудуди участка иқоматкунанда, ки аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод мешавад, таҷдид мекунанд. Тартибдиҳии рӯйхати интихобкунандагон 28-уми январ оғоз шуд. Шаҳрвандоне, ки то рӯзи интихобот ба синни 18 даромадаанд ва дар участкаи дахлдор ба таври доимӣ ё муваққатӣ зиндагӣ мекунанд, дар рӯйхати интихобкунандагони он участка дохил карда мешаванд[11]. Рӯхатҳои интихобкунандагон барои шиносоии умумӣ 15 рӯз пеш аз интихобот дар КУИ овехта мешаванд. Шаҳрвандон метавонанд ҷиҳати дохил кардан ва ё хориҷ кардани номи худ аз рӯйхат ба КУИ муроҷиат кунанд. КУИ бояд дар муддати ду рӯз қарор қабул кунад (ё фавран, агар дар рӯзи интихобот бошад). Доир ба муроҷиатҳои радшуда метавон ба суди зинаи аввал шикоят кард, ки қарори вай қатъист. Вуҷуд надоштани системаи рӯйхати ягонаи интихобкунандагон дар сатҳи ҷумҳурӣ ё вилоятҳо имконият намедиҳад, ки якчанд маротиба номнавис шудани интихобкунандагон дар участкаҳои гуногун санҷида шавад. Ба ҳамин хотир, нодақиқиҳо ва эҳтимолияти якчанд маротиба номнавис шудан истисно надорад.

## VII. БА ҚАЙДГИРИИ НОМЗАДҲО

Номзадҳо ҳадди ақкал бояд 25-сола, дорои ҳуқуқи интихоботӣ ва шаҳрванди Тоҷикистон бошанду камаш 5 соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ карда бошанд. Бар замми ин, қонун барои номзад шудан талаб мекунад, ки бояд шахс дорои таҳсилоти олӣ бошад[12] ва пешбарии номзадҳоеро, ки таҳти тафтишоти судӣ қарор доранд ва ё доғи судӣ доранд манъ менамояд. Номзадҳоро метавон аз тариқи рӯйхати номзадҳои ҳизбӣ дар ҳавзаи ягонаи ҷумҳуриявӣ ва ё аз тариқи ҳизби сиёсӣ ё мустақилона дар ҳавзаҳои

---

10 Моддаи 12(1), Қонун дар бораи интихобот.

11 Шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ нигоҳ дошта мешаванд, сарфи назар аз хусусияти ҷинояти содиркарда ва ё шахсоне, ки аз тарафи суд рӯҳан носолим эътироф шудаанд дар интихобот ҳуқуқи иштирок кардан надоранд (Моддаи 4, Қонун дар бораи интихобот).

12 Тибқи гуфтаҳои мусоҳибони МНИ САҲА/ДНДҲБ, талаботи қонун дар мавриди таҳсилоти олӣ доштан барои пешбарӣ шудан ба номзадӣ монеаи махсусеро барои занони дар интихобот иштироккунанда мемонад.

якмандатӣ пешбарӣ кард. Гарави интихоботӣ 7,000 сомониро[13] аз ҳар як номзад талаб мекунад. Ҳизбҳо танҳо дар ҳолати гузаштан аз марраи 5-фоиза ва номзадҳои ҳавзаҳои якмандатӣ танҳо дар ҳолати интихоб шудан гарави интихоботиашонро бозпас мегиранд.

КМИР рӯйхати номзадҳои ҳамаи 8 ҳизби сиёсиро 19-уми январ ба қайд гирифт. Дар асоси ин рӯйхатҳои пешниҳодшуда 73 номзад сабти ном шуд[14]. Ба гуфти КМИР, якчанд ҳизб дар сабти номи ҳамаи номзадҳои пешбарикардаашон ба иллати пардохт карда натавонистани гаравпулии ҳар яки онҳо муваффақ нашуданд. Танҳо ҲХДТ тавонист, шумораи ҳадди максимуми 22 номзади дар рӯйхат пешбаришударо, ки қонун ин ҳадро пешбинӣ мекунад, сабти ном намояд. Бақайдгирии номзадҳо дар ҳавзаҳои якмандатӣ аз тарафи КҲИ 15-уми январ оғоз шуд ва ин расмиёт бояд 8-уми феврал ба анҷом расад. Илова ба гаравпулии интихоботӣ, номзадҳои худпешбарикарда бояд 500 имзоро ҳамчун далели дастгирии номзадии худ пешниҳод намоянд. Ҷамъоварии имзоҳо аз ҷониби ҳизбҳо ҳамчун далели дастгирии онҳо талаб карда намешавад.

## VIII. ТАШВИҚОТИ ПЕШ АЗ ИНТИХОБОТ

Ҳамаи номзадҳо ва ҳизбҳо дар пешбурди ташвиқот аз истифодаи воситаҳои гуногун, аз ҷумла ташкил кардани чорабиниҳои ҷамъиятӣ тавассути пештар хабардор намудан, ҳуқуқи баробар доранд. Ба ғайр аз маблағгузорӣ намудани ташвиқоти пеш аз интихоботӣ ва таъмин намудани вақти ройгони эфир ба рақобаткунандагон аз ҳисоби буҷети давлат, Қонун дар бораи интихобот истифодаи дигар “амвол ва воситаҳои давлатиро” дар маъракаи пешазинтихоботӣ манъ мекунад[15].

Ташвиқоти пешазинтихоботӣ аз рӯзи ба қайд гирифта шудани номзади дахлдор оғоз мешавад. Ҳамаи рӯйхатҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар таърихи 19-уми январ ба қайд гирифта шуданд, вале бақайдгирии номзадҳо дар ҳавзаҳои якмандатӣ идома дорад. Ҳамаи ҳизбҳо барномаҳояшонро дар рӯзномаҳои ҳизбӣ ба табъ расониданд, аммо бо сабаби кам будани адади нашр, ин рӯзномаҳо эҳтимол ба аксарияти интихобкунандагон дастрас нагарданд. Дар ҳоле, ки ҲХДТ ва ҲНИТ иброз доштанд, ки онҳо дар тамоми ҷумҳурӣ ташвиқотро ба роҳ мемонанд, дигар ҳизбҳо ба МНИ САҲА/ДНДҲБ гуфтанд, ки онҳо саъю кӯшиши худро бештар ба ҳавзаҳое равона месозанд, ки дар он ҳавзаҳо номзадҳояшонро пешбарӣ кардаанд. Бисёрии ҳизбҳо дар бурдани ташвиқот монеаҳоро интизор нестанд, аммо онҳо кам будани маблағро таъкид карданд. То ба имрӯз масъалаҳои интихобот дар байни мардум кам эълон карда мешавад. Ба ҷои он, имрӯзҳо маъракаи фурӯши саҳмияҳо барои сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун дар ҷомеа ба таври бардавом мавриди мусоҳиба қарор дорад[16].

Дар Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсиро давлат маблағгузорӣ намекунад. Маблағ барои пешбурди маъракаҳои интихоботӣ ба номзадҳои ҳавзаҳои якмандатӣ ва ба ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи давлат (мувофиқан дар ҳаҷми 1,000 ва 6,000 сомонӣ)[17] ҷудо карда

13 Тағйирот дар формулаи ҳисоби гаравпулӣ, онро ба таври назаррас тақрибан аз 600 евро ба 1100 евро зиёд кард, ки ин миқдор қариб як баробар.

14 Дар рӯйхатҳои 8 ҳизби сиёсӣ ҷамъи умумии 109 номзад ва дар 41 ҳавзаи якмандатӣ 185 номзад пешбарӣ шуда буданд.

15 Моддаи 9, Конун дар бораи интихобот.

16 Нақшаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун солҳои 1970 тарҳрезӣ шуда буд, аммо бо сабаби набудани маблағ, он нотамом монд. Пас аз муваффақ нашудан ба ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ, Ҳукумати Тоҷикистон ташвиқоти маблағбардориро аз ҷамъият оғоз кард. Моҳи ноябри соли 2009, ҳукумат мардумро ба харидани саҳмияҳо даъват намуд.

17 Тақрибан 160 ва 950 евро.

мешавад, ки ин маблағҳоро КМИР тақсим мекунад. Маблағгузориҳои шахсии номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ барои пешбурди ташвиқоти пешазинтихоботӣ мумкин аст,

аммо ҳаҷми чунин хазинаҳо мувофиқан ба 52,050 ва 1,050,000 сомонӣ[18] маҳдуд аст. Аз ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо талаб карда мешавад, ки оид ба хароҷотҳояшон пас аз интихобот ба КМИР ҳисобот диҳанд.

## IX. ВОСИТҲОИ АХБОРИ ОММА

Садову симо сарчашмаи асосии маълумот, аз ҷумла дар робита бо ҷараёни интихобот ба шумор мераванд. Вале танҳо як шабакаи ТВ ва як шабакаи радио фарогири тамоми ҷумҳурӣ мебошанд. Дар ҳоле, ки шумораи воситаҳои чопии ахбор нисбатан зиёданд, аммо адади нашри аксарияти онҳо кам буд дар як ҳафта як ё ду маротиба ба табъ мерасанд. Дастрасии онҳо берун аз шаҳрҳо маҳдуд аст. Вуҷуд надоштани назарҳои гуноун дар ВАО ҷиҳати ахбори васеъ доштани интихобкунандагон нигаронсоз аст.

Қонуни интихобот заминаи ҳуқуқии пешбурди ташвиқоти интихоботӣ тавассути ВАО мебошад. Бо вуҷуди ин, баъзе моддаҳои Сарқонун ва дигар қонунҳо низ дар ин масъала дахл доранд. Моддаи 30-и Конститутсия (Сарқонун) озодии сухан, озодии матбуот ва ҳуқуқи истифода аз расонаҳои хабариро кафолат медиҳад. Сензура кардан ва таъқиботи судӣ барои танқид манъ аст. Дар рафти ташвиқоти пешазинтихоботӣ, воситаҳои ахбори омма ҳақ надоранд ба нашри ахбороте роҳ диҳанд, ки он шаъну шараф ва обрӯю эътибори кории номзадро паст мезанад[19]. Дар баробари ин, кодекси ҷиноӣ муқарраротеро дорост, ки дар он сухан дар бораи тӯҳмат ва маълумоти бардурӯғ дар расонаҳои хабарӣ меравад ва саъю кӯшишҳои ВАО ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мавриди хориҷ кардани ин муқаррарот бенатиҷа мондаанд.

Моддаи 39-и Қонун дар бораи интихобот воситаҳои хабарии кишварӣ ва маҳаллии давлатиро (ТВ ва радио) вазифадор менамояд, ки дар асоси шароитҳои баробар ба ҳизбҳо (30 дақиқа) ва ба номзадҳои ҳавзаҳои якмандатӣ (15 дақиқа) вақти ройгони эфирриро таъмин намоянд. Дар асоси қарори КМИР аз 28-уми декабри соли 2009, Кумитаи давлатии ТВ ва Радио бояд риоя намудани ин муқарраротро таъмин намояд. Ҳамин қарори КМИР ба ҳар як ҳизб ва ҳар як номзад ҳуқуқи нашр намудани маълумотро дар ҳаҷми 8 саҳифаи формати А4 ба таври ройгон дар рӯзномаҳои давлатӣ пешниҳод мекунад.

Ба қарибӣ нахустин мақоми худтанзимсози расонаҳои хабарӣ, Шӯрои ВАО таъсис дода шуд ва он расман 14-уми январи соли 2010 дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуд. Ҳайати мудирияи Шӯро аз 9 аъзо иборат аст, ки он рӯзноманигорони воситаҳои хабарии миллӣ ва маҳаллӣ, созмонҳои ВАО ва олимонро[20] дар бар мегирад. Шӯро бо кӯмаку дастгирии Дафтари САҲА дар Тоҷикистон бо мақсади назорат намудани риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва болобарии одоби тахассуссии расонаҳои хабарӣ таъсис ёфтааст.

МНИ САҲА/ДНДҲБ мониторинги миқдориву сифатии 3 шабакаи ТВ, 3 шабакаи радио, 9 рӯзнома ва воситаҳои хабариро дар Хуҷанду Қӯрғонтеппа аз 19-уми январ оғоз кард[21]. Миссия арзёбӣ хоҳад кард, ки оё воситаҳои ахбори омма хабарҳоро дар бораи

---

18 Тақрибан 8,500 ва 164,000 евро.

19 Моддаи 39, Қонун дар бораи интихобот.

20 Аъзои ҳайати мудирия аз миёни намояндагони Шӯрои ВАО (беш аз 60 рӯзномаву маҷалла ва муассисаҳои ВАО) дар асоси рӯйхати мухтасари дохилии номзадҳо ва қарори ниҳоӣ интихоб шудаанд.

21 ТВ Тоҷикистон, ТВ Сафина, ТВ Ҷаҳоннамо, радиои Тоҷикистон, радиои Азия Плюс ва радиои Имрӯз. Рӯзномаҳои Ҷумҳурият, Садои мардум, Фараҷ, Миллат ва Тоҷикистон ба

рақибони интихобот ва дигар сохторҳои сиёсӣ, тибқи қонунгузории кишвар ва амалкардҳои мусбати байналмилалӣ, беғаразона ва бо риояи мувозинат пахш мекунанд ё не. Илова бар ин, миссия арзёбии онро хоҳад кард, ки ВАО чӣ қадар ба барномаҳои маърифативу хабардорсозии интихобкунандагон таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ва то чӣ андоза талаботи қонунро оид ба ҷудо кардани вақти эфирии ройгон ва ҷудо кардани саҳифаҳо дар рӯзномаҳо риоя мекунанд.

## X. АРЗУ ШИКОЯТҲО

Тартиби баррасии арзу шикоятҳо, ки онро якчанд асноди ҳуқуқӣ танзим менамояд, аз ҷумла қонун дар бораи интихобот ва кодекси мурофиаи граждании[22], дар умум возеҳ нест. Муқаррароти ҳуқуқӣ дар баррасии шикоятҳо оид ба қарор ва амалҳои комиссияҳои интихоботӣ[23] духӯра ст, ки дар он ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо, шахсони боэътимоди номзадҳо, нозирон ва интихобкунандагон метавонанд ба комиссияи болоии интихоботӣ ва ё ба судҳо муроҷиат намоянд, ки суди зинаи болотарин дар ҳамаи ҳолатҳо Суди олӣ мебошад. Вуҷуд надоштани нақшҳои ҷудогонаи дахлдор ва ваколатҳои судҳову комиссияҳои интихоботӣ мавриди нигаронӣ аст.

Кодекси мурофиаи гражданӣ дар бораи шикоят кардан оид ба масъалаҳои интихоботӣ ба суд муқаррарот дорад[24]. Аллалхусус, тарафҳои манфиатдори васеъ метавонанд бар зидди қарорҳо, амалҳо ва беамалиҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ашхоси расмӣ ва кормандони давлатие, ки ҳуқуқҳои интихоботиро вайрон мекунанд, ба судҳо шикоят намоянд. Аммо кодекс, ба интихобкунандагон, ҳизбҳои сиёсӣ ё номзадҳо ваколат намедиҳад, ки ба муқобили ҳуқуқвароникуниҳои мақомоти ғайрирасмӣ ва ё кормандони суд шикоят намоянд[25].

Қонун дар бораи интихобот тартиби шикоят карданро оид ба ихтилофоти бандҳои ин қонун, ба истиснои тартиби шикоят пеш овардан ба муқобили қарорҳо ва амалҳои комиссияҳои интихоботӣ, муқаррар намекунад. Вале дар партави ӯҳдадориҳои қонунии КМИР ва ҚХИ ҷиҳати назорати амалигардонии баробари қонуни интихобот, чунин ба назар меояд, ки КМИР ва КҲИ мустақиман барои баррасии ҳамаи шикоятҳои марбут ба масоили интихобот[26] масъуланд. КУИ барои баррасии шикоятҳо оид ба тайёрӣ ба интихобот ва гузаронидани овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот вазифадор[27] мебошанд.

Қонун дар бораи интихобот мӯхлати 10-рӯзаро барои шикоят пеш овардан аз рӯи қарорҳои комиссияи интихобот муайян мекунад[28] ва кодекси мурофиаи гражданӣ то 40 рӯз мӯҳлати шикоят пеш овардан оид ба вайронкориҳои интихоботиро пешбинӣ менамоянд[29]. Шикоятҳо бояд дар муддати 3 рӯз ва ё агар то рӯзи интихобот шаш рӯз

---

забони тоҷикӣ ва Народная газета, Азия Плюс, Бизнес и Политика, Вечерний Душанбе ба забони русӣ.

22 Кодекси нави мурофиаи гражданӣ, ки соли 2008 қабул шудааст, тартиботи шикоят пеш оварданро ба судҳо оид ба масъалаҳои интихобот дар бар мегирад.

23 Қонун дар бораи интихобот равшан муқаррар намекунад, ки оё аз болои беамалиҳои комиссияи интихобот шикоят кардан мумкин аст ё не.

24 Моддаи 259, кодекси мурофиаи гражданӣ.

25 Танҳо комиссияҳои интихоботӣ салоҳият доранд, ки ба суд чунин шикоятҳоро пеш оваранд.

26 Моддаҳои 12 ва 14, Қонун дар бораи интихобот. Аммо маъмурияти интихобот ҷиҳати муҷозот оид ба вайрон кардани қонуни интихобот ваколатҳои маҳдуд дорад. Он метавонад танҳо номзадро аз қайд хориҷ кунад ва узвиятро дар комиссияҳои интихоботӣ муҳокима намояд.

27 Моддаи 17, Конун дар бораи интихобот.

28 Моддаи 20, Конун дар бораи интихобот.

29 Моддаи 260, Кодекси мурофиаи гражданӣ.

монда бошад, фавран баррасӣ шаванд[30]. Қонун дар бораи интихобот кафолатҳои стандарии тартибиро таъмин намекунад, ба монанди ҳуқуқи истехсолоти судии боадолатона, ҳуқуқ ба дастрасии қарори хаттӣ бо ҷумлаи асосҳояш ва огоҳ шудан оиди хукуки шикоят кардан аз болои карор (аппелятсия).

## XI. ИШТИРОКИ ЗАНОН

Чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ[31] барои иштироки баробари занон ва мардон дар раванди интихобот асосҳои ҳуқуқиро таъмин менамояд. Қонун дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои баробари мардон ва занон ва имкониятҳои баробар дар амалигардонии онҳо (қонун дар бораи баробарии гендерӣ), ки соли 2005 қабул шудааст, муқаррароти махсус оид ба имкониятҳои баробари мардон ва занонро дорост[32]. Дар рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ аз миёни 73 нафар номзадҳои ба қайд гирифташуда 15 нафарашон зан аст, аммо аксарияти онҳо дар рӯйхат ҷойҳои поёниро ишғол мекунанд, ки имконияти интихоб шуданашон паст аст. Дар ҳавзаҳои якмандатӣ, ки ҳоло бақайдгирӣ ба анҷом нарасидааст, аз миёни 185 номзади то ҳол сабти номшуда, 22 нафарашон зан аст.

## XII. НОЗИРОНИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ

Қонун дар бораи интихобот ба ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои мустақил иҷозат медиҳад, ки дар интихобот нозирони худро таъйин кунанд. Ин нозирон ҳуқуқ доранд, ки дар биноҳои овоздиҳӣ ҳузур дошта бошанд, кори комиссияҳои интихоботиро мушоҳида намоянд ва бо натиҷаҳои овоздиҳӣ шинос шаванд. Аммо муқаррароте барои ба нозирон дастрас кардани протоколи натиҷаҳо ва ё муқаррароте дар бораи нозирони дохилии ғайриҳизбӣ вуҷуд надорад. Қонун ҳузури нозирони хориҷиро, ки дар КМИР бояд аккредитатсия шаванд, пешбинӣ кардааст. Дар интихоботи кунунӣ КМИР ҳузури тақрибан 540 нозири байналмилалиро интизор аст.

## XIII. ФАОЛИЯТҲОИ МНИ САҲА/ДНДҲБ

МНИ САҲА/ДНДҲБ кори худро дар Тоҷикистон 14-уми январ оғоз кард. Дар тӯли ин давра, сарвари МНИ САҲА/ДНДҲБ бо Вазири корҳои хориҷӣ ва раиси КМИР вохӯрӣ дошт. МНИ ҳамчунин робитаҳои кориро дар ҳамаи сатҳҳои мудирияти интихобот ташкил карда бо ашхоси гуногуни баландмақоми давлатӣ, ҳамаи ҳизбҳои ба қайд гирифташудаи сиёсӣ, намояндагони ВАО ва дигар тарафҳои ба интихобот таваҷҷӯҳдошта вохӯриҳо гузаронид. МНИ ба Вазорати корҳои хориҷӣ барои кӯмак ва мусоидаташ дар баргузории вохӯриҳои расмӣ изҳори сипос менамояд. Бист нафар нозирони дарозмуддати САҲА/ДНДҲБ рӯзи 21-уми январ ба Тоҷикистон омаданд ва тар тамоми манотиқи кишвар ҷойгир карда шуданд. Аз кишварҳои узви САҲА дархост карда шуд, ки 150 нафар нозирони кӯтоҳмуддатро барои назорат бурдани раванди рӯзи интихобот ба кишвар сафарбар намоянд. Барои назорат дар рӯзи интихобот САҲА/ДНДҲБ, Ассамблеяи парлумонии САҲА таҳти сарварии хонум Пиа Кристмас ва Парлумони Аврупоӣ саъю кӯшишии якҷоя ба харҷ медиҳанд.

***Ин гузориш бо забонҳои англисӣ ва русӣ низ дастрас аст.***
***Ҳарчанд, нусха бо забони англисӣ ҳуҷҷати ягонаи расмӣ мемонад.***

---

30 Моддаи 20, Қонун дар бораи интихобот ва Моддаи 260, Кодекси мурофиаи гражданӣ. Интизорӣ чунин наст, ки Суди олӣ барои баррасии шикоятҳи ҳизби сиёсӣ перомуни тасдиқ нашудани рӯйхати номзадҳо, шаш рӯз мӯҳлат дорад (Моддаи 31, Қонун дар бораи интихобот)

31 Конститутсия, Моддаи 17 ва Қонун дар бораи интихобот, Моддаҳои 4 ва 28.

32 Масалан, Моддаи.. "давлат иштироки баробари мардон ва занонро дар раванди идоракунии давлат кафолат медиҳад".